ҚАРОРИ
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи
А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 11-уми апрели соли 2026 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) (роҳбари илмӣ: Каримов Шамсиддин Турсунматович, доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ); шунидани тақризи муассисаи пешбар – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ – Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Саидов Ҳомид Саидович - доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа Назар Муъмин Абдуҷалол, доктори илмҳои фалсафа Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра, номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович, доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, инчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи шуро оид ба диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» дар бораи асоснок будан, навоварӣ доштан, муҳиммият ва хулосаҳои диссертатсия; инчунин оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда шурои диссертатсионии 6D.КОА–079

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос мувофиқи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Корҳои илмии чопнамудаи диссертант, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, ба мавзуъ мувофиқ дониста шаванд.

3. Талбаков Саидаҳтам Исроилович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) сазовор дониста шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) ба Талбаков Саидаҳтам Исроилович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам, нафароне, ки ба ин қарори шурои диссертатсионӣ тарафдоранд, мавқеи худро муайян намоянд. Тарафдор – 12. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Қарор якдилона қабул шуд.

Иҷозат фармоед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя кардани кори диссертатсионӣ табрик намоям ва ҳамзамон ба аъзои шурои диссертатсионӣ барои кори самаранок миннатдорӣ баён кунам. Бо ҳамин ҷаласаи шурои диссертатсионӣ пушида эълон карда мешавад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ Қувватзода С. З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.

11.04. 2026